# ХУЛОСАИ
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-О18 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии № __**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 28 марти соли 2024, таҳти №53**

**бораи сазовор донистани Майнусова Зарнигор Маҳмудовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Диссертатсияи Майнусова Зарнигор Маҳмудовна дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 –Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ санаи 09 январи соли 2024 (суратмадлиси №49) аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, №16/шд тасдиқ шудааст) қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Майнусова Зарнигор Маҳмудовна 8-уми декабри соли 1989 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2007 ба шӯъбаи рӯзонаи факултети тиҷорат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дохил шуда, соли 2013 бо ихтисоси ҳуқуқи тиҷоратӣ донишгоҳи мазкурро хатм кардааст. Аз соли 2015 то соли 2017 муаллимаи Коллеҷи омӯзгории дар шаҳри Хуҷанд, аз соли 2017 то имрӯз дар вазифаи мудири Маркази таълимии забонҳои хориҷӣ ва соҳибкории Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд фаъолият дорад.

Аз соли 2019 инҷониб унвонҷуи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ:

**Сангинзод Дониёр Шомаҳмад** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба корҳои илмӣ.

Муқарризони расмӣ:

- **Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

- **Сидиқов Дилшод Ахрорович** - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқукшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар Мирзоев Парвиз Исроилович - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, (ихтисосаш: 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии факултети ҳуқуқшиносии Академия Олимзода Д. ва котиби ҷаласа, коргузори кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии факултети ҳуқуқшиносии Академия Нураётова Ш. имзо ва аз ҷониби Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Академия Ғаюров Ф. санаи 15 феврали соли 2024, суратмаҷлиси №1 тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ оид ба ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантики ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 2 монография, 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти ӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷу аз руйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Монография**

**[1–М].** Майнусова, З.М. Номи доменӣ – ҳамчун объекти воситаҳои фардикунонии иштирокчиёни аҳдҳои гражданӣ, молҳо, корҳо ва хизматрасонӣ: аспекти гражданӣ – ҳуқуқӣ: Монография [Матн] / З.М. Майнусова, И.Р. Одиев / зери назари номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Санавваров Ғ.Б. – Душанбе: «Илм», 2021. – 142 с.

**[2–М].** Майнусова, З.М. Танзими ҳуқуқии соҳаҳои вокеии иқтисодиёти миллӣ: ҳолат ва дурнамо: Монография [Матн] / З.М. Майнусова / Ҳайати муаллифон / зери таҳрири дотсент Б.О. Самадов. – Хуҷанд, 2022. – С. 179-199.

**II. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[3–М].** Майнусова, З.М. Ҷанбаҳои ҳуқуқии савдои дистансионӣ (фосилавӣ) [Матн] / З.М. Майнусова // АХБОРИ ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – 2021. – № 4. – С. 148-154. ISSN–2411-1945X.

**[4–М].** Майнусова, З.М. Асосҳои меъёрӣ – ҳуқуқии танзимкунандаи савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои қонунгузорӣ ва қиёсӣ ҳуқуқӣ [Матн] / З.М. Майнусова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 4. – С. 241-247. ISSN 2413 – 5151.

**[5–М].** Майнусова З.М. Истифода ва татбиқи шартномаҳо дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар намуди ӯҳдадории чакана: проблемаҳои шакли бастани ӯҳдадорӣ ва хусусиятҳои танзим [Матн] / З.М. Майнусова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 5. – С. 226-233. ISSN 2413 – 5151.

**[6–М].** Майнусова, З.М. Оиди масъалаи дефинитсияи «савдои фосилавӣ» ҳамчун парадигмаи муосир дар доктиринаҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ. [Матн] / З.М. Майнусова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 6. – С. 218-225. ISSN 2413 – 5151.

**[7–М].** Майнусова, З.М. Савдои фосилавӣ: тадқиқоти таърихӣ ва таҳлили назариявӣ [Матн] / З.М. Майнусова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – № 9. – С. 260-265. ISSN 2413 – 5151.

**III. Мақолаҳое, ки дар маҷалаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расидаанд:**

**[8–М].** Майнусова, З.М. Савдои дистансионӣ (фосилавӣ) ва муаммоҳои ҳуқуқии он [Матн] / З.М. Майнусова // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-методии усулҳои инноватсионии таълим: ҳолати муосир ва дурнамои такомул. – Хуҷанд: Дабир, 2021. 397-403.

**[9–М].** Майнусова, З.М. Масъалаи савдои фосилавӣ дар сивилистикаи муосир: таҳқиқоти таърихӣ ва таҳлили назариявӣ [Матн] / З.М. Майнусова // Рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ: роҳҳои тадбиқи натиҷаҳои онҳо дар истеҳсолот: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. – Хуҷанд: Дабир, 2021. – С. 102-105.

**[10–М].** Майнусова, З.М. Дистанционная торговля товарами и услугами как экономическое и правовое явление [Текст] / З.М. Майнусова // Маводҳои конференсияи илмӣ – назариявӣ бахшида ба 75 – умин солгарди Эъломияи умумии ҳуқуқи башар. – Хуҷанд, 2020. – С. 25-

32.

**[11–М].** Майнусова, З.М. Ҷабҳаҳои ҳуқуқии савдои дистансионӣ (фосилавӣ) [Матн] / З.М. Майнусова // Маҷмӯаи мақолаҳои олимони ҷавон. – Хуҷанд: Дабир, 2019. – С. 148-154.

**[12–М].** Майнусова, З.М. Роҷеъ ба дастрасии озод ба интернет ҳамчун ҳуқуқи нави конститутсионӣ [Матн] / З.М. Майнусова // Ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт: ҳолат ва дурнамо: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ / Зери назари д.и.и., профессор Шарифзода М.М. – Хуҷанд: Дабир, 2021. – С. 437-444.

**[13–М].** Майнусова, З.М. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои интернетӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) [Матн] / З.М. Майнусова // Саноатикунонии босуръат – асоси ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ / Зери назари д.и.и., профессор Шарифзода М.М. – Хуҷанд: Дабир, 2021. – С. 283-290.

**[14–М].** Майнусова, З.М. Назаре ба масоили назариявӣ ва қонунгузории савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / З.М. Майнусова // Ҷавонон дар пайроҳаи таҳқиқ / Маҷмуаи мақолаҳои устодон ва магистрантони ДДҲБСТ. Нашри 5. – Хуҷанд: Дабир, 2022. – С. 7-13.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

–**Диноршоҳ А.М.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе;

– **Соҳибзода Муҳаммадҷон Маҳмадалӣ** - муовини якуми директори Маркази миллии қонунгузории назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;

– **Холмаҳмадзода Солеҳа** - вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Ҳамаи муқарризон дар маҷмуъ таҳқиқоти анҷомдодаро мусбӣ арзёбӣ кардаанд. Ҳамзамон дар баъзе тақризҳо, ба ғайр аз тақризи Холмаҳмадзода Солеҳа, баъзе эродҳо ба назар мерасанд. Эродҳо оид ба пурра ошкор нашудани асосҳои таснифбандӣ намудҳои савдои фосилавӣ, таносуби савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ва сатҳои дигари соҳибкорӣ равона шудаанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқарраротӣ бандҳои *61-10* ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-ум и июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунии, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз руйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии

хусусӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд:** масъалаи танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ аз нуқтаи назари ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ бори аввал ба шакли комплексӣ дар доираи диссертатсияи номзадӣ баррасӣ карда шудааст;

– **пешниҳод шудааст:** хусусияти хоси савдои фосилавӣ ҳамчун фаъолияти субъекти хоҷагидор дар самти хариду фурӯши чаканаи мол ва пешниҳоди хизматрасонӣ таҳлил гардида, проблемаҳои асосии танзими ҳуқуқии савдои фосилавӣ дар Тоҷикистон ошкору пешниҳод карда шудааст;

–**исбот шудааст:** хусусияти асосии савдои фосилавӣ бо тарзи фосилавӣ тибқи шартномаи хариду фурӯши чакана дар асоси шиносоии харидор бо тавсифи моле, ки фурӯшанда дар каталогҳо, брошюраҳо, буклетҳо пешниҳод кардааст ё дар аксҳо ё бо почта, шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, инчунин бо тарзҳои дигаре, ки имконияти шиносоии бевоситаи харидор бо молро тақозо мекунад, пешниҳод мегардад;

–**ҷорӣ намудан:** сарфи назар аз таснифоти ҳуқуқии савдои фосилавӣ ба шаклҳои алоҳида ба зернамудҳои фаъолияти соҳибкорӣ бо ташкили фурӯш (хизматрасонӣ) ва ҷараёни тиҷорати дохилӣ бо назардошти махсусиятҳои онҳо.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** натиҷаҳои таҳқиқот ҳам аз ҷониби мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, ки танзими савдои фосилавии мол ва хизматрасониро ба амал мебароранд ва ҳам аз ҷониби субъектони хоҷагидории ҶТ, ки иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ мебошанд, истифода бурда шавад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошт**а самаранок ҷанбаҳои консептуалии назарияи фанҳои ҳуқуқӣ (ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ) ва ҳамзамон, дар таҳқиқот усулҳои умумӣ-илмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли диалектикӣ, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра истифода бурданд.

– **баён шудани** хусусияти асосии савдои фосилавӣ, мафҳуми савдои фосилавӣ, фарқгузории мафҳумҳои тиҷорати электронӣ ва савдои электронӣ, зарурати дарҷ намудани истилоҳоти ҳуқуқии савдои электронӣ, савдои фосилавӣ, шартномаи электронӣ, муомилоти электронӣ;

– **ошкор гардидани** нуқсони қонунгузорӣ дар бахши хизматрасонӣ бо тарзи фосилавӣ, проблемаҳои асосии танзими ҳуқуқии савдои фосилавӣ мол ва хизматрасонӣ;

– **омӯхта шуданд:** қонунгузории танзимкунандаи савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ, махсусияти савдои фосилавӣ чун шакли махсуси

муомилоти молу хизматрасониҳо, камбудиҳо оид ба муҳлати баргардонидани мол ҳангоми савдои фосилавӣ;

– **аз нав такмил додани** моддаи 566 КМ ҶТ (Фурӯши мол тибқи намунаҳо) ва ба он илова намудани қисми 4, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» моддаи алоҳида 25.1 оид ба «Тарзи фосилавии савдои мол», қабули “Қоидаҳои савдои мол бо тарзи фосилавӣ”.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқкарда мешаванд, ки:** натиҷаи таҳқиқот метавонад барои мукаммалгардонии қонунгузории маданӣ ва соҳибкорӣ, таҷрибаи судии судҳои иқтисодӣ ва судҳои салоҳияти умумии ҶТ истифода бурда шавад. Инчунин, муқаррароти алоҳидаи диссертатсия метавонад барои тадқиқоти минбаъдаи илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ, ҳамчунин, барои масъалаи танзими муносибатҳои гуногуни ҳуқуқии хусусӣ ва ғайра истифода шавад. Инчунин, тадқиқоти мазкур метавонад дар вақти дарс гуфтан аз фанни «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ» ва курсҳои махсус дар факултетҳои ҳуқуқшиносии донишгоҳҳои олии мамлакат истифода бурда шавад.

–**муайян карда шуданд**, ки савдои фосилавии молҳо ва хизматрасонӣ бидуни робитаи мустақим байни фурӯшандаю харидор, тибқи шартномаи хариду фурӯши чакана, ки дар асоси шиносоии харидор бо тавсифи мушаххаси мол ва пешниҳоди визуалии он, ки аз рӯи бисёр нишондиҳандаҳо маҳдуд аст, амалӣ карда мешавад;

–**офарида шуд:** дар бахши хизматрасонӣ бо тарзи фосилавӣ нуқсон дар қонунгузорӣ ҷой дорад, ки ин ҳолат ба набудани: а) рӯйхати молҳое, ки бояд ба фурӯшанда баргардонида шаванд; б) набудани таснифоти муносибатҳое, ки қоидаҳои савдои фосилавӣ ба ҳамаи онҳо ва ё баъзеи онҳо паҳн намегарданд (масалан, хариди мол дар аукцион); в) инчунин набудан рӯйхати молҳое, ки ба тарзи фосилавӣ фурӯхта намешаванд (масалан, ашёи гигиенаи шахсӣ, доруворӣ) алоқаманд аст.

–**муаррифӣ карда шуд:** дар таҷрибаи амалии мамлакатҳои хориҷа фарқгузории мафҳумҳои тиҷорати электронӣ ва савдои электронӣ ба назар мерасад. Дар натиҷаи ин фарқият тиҷорати электронӣ дар робита бо рушди бомароми муносибатҳои иқтисодӣ ба худ мустақилият касб намуда, чун фаъолияти соҳибкории дар асоси хариду фурӯши мол (хизматрасониҳо) тавассути шабакаи интернет, фаҳмида мешавад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин, тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалияи судӣ асос ёфта, онҳо дар заминаи маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти амалияи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои маданӣ ба даст оварда шудаанд.

– **барои корҳои таҷрибавӣ:** ворид намудани донишҳои нав, ки дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии савдоии фосилавии мол ва хизматрасонӣ коркард шудааст, ифода мегардад;

– **ғоя асоснок шудааст:** тарзи фосилавии савдои мол (хизмат) тариқи шиносоӣ намудани харидор бо маҳсулот ва тавсифи моле, ки фурӯшанда дар фехрастҳо (каталог), брошюраҳо, буклетҳо пешниҳод намудааст. Ҳамчунин, тариқи воситаҳои электронӣ, алоқа (пахши реклама дар телевизион, радио, хадамоти почта ва ғайра) татбиқ карда шуда ё бо роҳҳои дигар, ба ғайри имконияти шиноси бевоситаи харидор бо маҳсулот, намунаи мол ба амал баровардa мешавад;

– **истифода шудаанд:** қиёси танзими ҳуқуқии савдои фосилавӣ ва хизмат дар кишвар бо давлатҳои тараққиёфта, ба монанди Федератсияи Русия, Иттиҳоди Аврупо ва дигарҳо, пешниҳодҳои назариявию амалиро баҳри рушди бозори савдои фосилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

–**муайян шудаанд:** омилҳои зерин ба рушди савдои фосилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намудаанд: афзоиши мубодилаи сохторҳои интернетии шабакаҳои бузургтарини савдо; истифодаи технологияҳои иттилотию коммуникатсионӣ аз ҷониби шабакаҳои анъанавии савдо ҳамчун технологияҳои маркетингӣ барои баланд бардоштани имиҷи ташкилот ва муарифии он дар бозори онлайнӣ; рушди савдои онлайнии мол ва хизматрасонӣ ҳамчун як самти тезрушдкунанда ва ояндадори соҳибкорӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ- назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба таҳқиқоти танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 28-уми марти соли 2024 қарор қабул карда шуд, ки ба Майнусова Зарнигор Маҳмудовна дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №14/шд тасдиқ гардидааст 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктoрони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқушиносӣ 14 нафар, муқобил нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** /**Азиззода У.А.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.К.**

28 - уми марти соли 2024